## 12.07.2018



Аз аввали мохи июли соли равон дар Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон даври дуюми омузиш огоз ёфт. Ба ин муносибат аз 8 то 11-уми июли соли равон бо чалби хайатхои рохбариву фармондехии Вазорати мудофиаи мамлакат, чамъомад ё худ машгулиятхои методӣ-таълимӣ баргузор гардиданд.

Чамъомад ё худ машгулиятхои методӣ-таълимӣ давоми 4 рӯз дар гарнизонхои Душанбеву Хатлон ва дар пойгохи кисмхои низомии тобеи Вазорати мудофиаи чумхурӣ ба таври назариявию амалӣ чараён гирифт. Ба машгулиятхо муовинони вазири мудофиа, фармондехони навъи Куввахои Мусаллах, комиссарони харбии вилоятхо, командирони кисмхои низомӣ ва муовинони онхо чалб карда шуданд.

Рафти чамъомади мазкур тахти назорати катъии рохбарияти Вазорати мудофиа чараён гирифта, аз иштирокчиён масъулияти баланд дар омӯзиши фанхои дакики низомӣ ва пурра аз бар намудани мавзуоти ба машгулиятхо пешбинишуда талаб карда шуд.

Хамин тарик иштирокчиёни чамъомади методӣ-таълимӣ вобаста ба макому сатхи вазифавӣ дар Артиши миллӣ ба гурӯххо таксим шуда, онхо ба омӯзиши машгулиятхои гуногуни харбӣ, рондану тирпаронӣ намудан аз туп ва техникахои мухталифи вазнини зирехпушӣ чангӣ, силоху мухимоти оташфишонии сабуки харбӣ ва ба санчиши омодагии чисмонӣ чалб карда шуданд.



Хадаф аз баргузории чамъомади методӣ-таълимӣ ин дар амал нишон  додани рохху усулхои нави омузиши дар Куввахои Мусаллах мебошад.  Яъне ташаккул додани назару

муносибати ягона ба масоили омодагии чангӣ, ташкили хидмати дохилии кӯшунхо, мувофик намудани худуди шахракхои харбӣ, майдончахои варзишӣ ва дигар мавзехои таълимии афсарону сарбозон ба талаботи оиномахои харбии Куввахои Мусаллах мебошад.

Дар кисмхои низомие, ки давоми се рӯз машгулиятхои намунавии методӣ-таълимӣ чараён гирифтанд 15 бинову иншооти мучахаз, аз кабили хамомхонаи сарбозӣ, нуктахои таълимӣ, мавзеъхои ёрирасони комуналӣ ва амсоли ин мавриди истифода карор гирифт. Ба хамин тартиб дар давоми чанд соли охир хатто дар кисмхои низомии навтаъсиси Вазорати мудофиа, заминахои намунавии моддиву таълимӣ, хидматӣ ва хам шароитхои маишиву фарогатии афсарону сарбозон дар сатхи баланд мухаё карда шудаанд.

Кобили зикр аст, ки чунин шароитхои намунавии омузишӣ, на танхо барои гузаронидани машгулиятхои методӣ-таълимӣ ва нишон додан ба иштирокчиёни он аст, балки ин гуна шароитхо пеш аз хама барои омузиши доимии хайати шахсии кисмхои низоми ба таври муосир бунёд карда шуда, он дар дигар чузъу томхои ин ниходи кудрати ба тадрич мухаё карда мешаванд. Аз ин рӯ зимни баргузории чунин чамъомадхо хар дафъа талаботи нав ва навоварихои зиёде барои иштирокчиёни он ворид мегардад.

Кабл аз анчоми машгулиятхои методӣ-таълимӣ ба кисми низомии 09264-и Кӯшунхои хушкигард дар вилояти Хатлон, Сипосномаи Парчами Чумхурии Точикистон ва Байраки чангӣ, ки он барои хар як фарди низомӣ баёнгари карзи мукаддаси хизмати садокатмандона ба Ватан, мардонавор ва мохирона мухофизат намудани он, суботкорона мудофиа кардани хар як вачаб хоки Ватан ва барои ин максад дарег надоштани хун ва хатто хаёти худ мебошад, такдим карда шуд.

Чамъомади методӣ-таълимӣ ва фаъолияти 6-мохаи хайати шахсии чузъу томхои Вазорати мудофиа, бо иштироки Котиби Шӯрои амнияти чумхурӣ Абдурахим Каххоров, рохбарияти Вазорати мудофиаи мамлакат, масъулини  Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Сарпрокурори харбӣ ва дигар шахсони дахлдор натичагирӣ ва мавриди тахлилу баррасии хамачониба карор гирифт. Аз рӯи масъалахои дар боло зикрёфта сардори Ситоди генералии Куввахои Мусаллах, муовинони вазири мудофиа ва дигар шахсони дахлдор дар навбати худ хисобот доданд.

